**Тасдиқ шуд**

**аз ҷониби Директори генералӣ**

**Ким С.Н.**

**сана: “24” Декабри соли 2021**

# ПЕШНИҲОДИ ОММАВИИ ҚАРЗӢ № 100/21

Ҷамъияти Дорои Масъулияти Маҳдуди Ташкилоти Амонатии Қарзии Хурди «ФИНКА», ки минбаъд «Қарздиҳанда» номида мешавад, дар шахсияти Директори генералӣ Ким С.Н., ки тибқи Оиннома амал менамояд, аз як тараф ва Қарзгиранда, аз тарафи дигар, ба шартҳои Пешниҳоди оммавии мазкур оид ба масъалаҳои зерин розӣ мебошанд ва қабул менамоянд:

## 1. МАТЛАБИ ПЕШНИХОД

1.1. Тибқи шартҳои Пешниҳоди оммавии мазкур, Қарздиҳанда ба Қарзгиранда бо пули миллӣ «сомонӣ» дар ҳаҷм ва мувофиқи дархостҳои Қарздиҳанда қарз медиҳад ва Қарзгиранда ӯҳдадор мешавад, ки қарзро баргардонад ва фоизҳои маблағи қарзро дар мӯҳлат ва тартиби муқарраршудаи Қарздиҳанда пардохт намояд.

1.2. Аз лаҳзаи аз тарафи Қарзгиранда пурра пардохт кардани қарзи асосӣ, фоизҳои мӯҳлатнок, ноустоворона (ҷарима, пеня), инчунин тамоми маблағҳои бинобар иҷрои уҳдадорияш, пешниҳоди мазкур амали худро қатъ намуда ва қарз баргардонидашуда маҳсуб меёбанд.

## 2. ШАРТҲОИ УМУМИ

2.1. Пардохти қарз бо пули нақд аз тарафи Қарзгиранда бевосита ба хазинаи Қарздиҳанда ё ин ки тавассути терминалҳои пардохтии худкор ва ба таври ғайринақдӣ ба воситаи ФИНКА онлайн ва дигар барномаҳои мобилӣ ва ҳамёнҳо амалӣ карда мешавад. Барои маблағҳои ба кормандони дигари Қарздиҳанда супоридашуда, Қарздиҳанда масъул намебошад.

## 3. ҲУҚУҚУ ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**Қарздиҳанда ҳуқуқ дорад, ки:**

3.1. Дар давоми амали шартномаи умумии қарзӣ аз Қарзгиранда маълумот ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои тасдиқи истифодаи мақсадноки қарз, инчунин баҳодиҳии вазъи молиявии Қарзгиранда ва баҳодиҳии вазъи таъмини қарзро талаб намояд.

3.2. Дар давраи амали шартномаи умумии қарзӣ ҳар вақт санҷиши истифодаи мақсадноки қарз, санҷиши вазъи молиявии Қарзгиранда ва санҷиши вазъи таъмини қарзро анҷом диҳад.

3.3. Яктарафа шартномаи умумии қарзиро дар ҳолатҳои зерин бекор карда, дар як вақт тамоми маблағи боқимондаи қарз ва пардохтҳои аз он бароянд аро ситонад ва дар ин бора Қарзгирандаро дар 2 (ду) рӯзи корӣ қабл аз бекоркунии шартномаи умумии қарзӣ огоҳ намояд: а) мунтазам ба таъхир монондани пардохтҳо; б) бад шудани вазъи молиявии Қарзгиранда; в) ошкор гаштани он, ки маълумот ва иттилои дигари то додани қарз дар бораи вазъи молиявию иқтисодии Қарзгиранда пешниҳодгашта, бардурӯғ ё номукаммал буданд; г) вайрон кардани ҳама гуна шарти дигари шартномаи умумии қарзӣ, Пешниходи оммавӣ ва Шартномаи гарави бо мақсади таъмини бозгашти қарз басташуда.

3.4. Ҳангоми аз тарафи Қарзгиранда ворид гаштани маблағ, онро дар навбати аввал барои ҷуброни ноустуворона (пеня ҷаримаҳо), фоизи қарз ва баъд барои пардохти маблағи қарзи асосӣ равона кунад.

3.5. Ҳангоми барнагардондани қарз, рӯёниданро ба мақсади пардохти қарзи додашуда, фоизи ҳисобшуда ва дигар маблағҳои ба он вобаста (пеня, ҷарима, ноустуворона) ба амволе, ки чун таъминоти бозгашти қарз ба гарав монда шудааст ва ба амволи дигари Қарзгиранда, гузаронад.

3.6. Аз дилхоҳ суратҳисоби бонкии Қарзгиранда маблағи қарз, фоизҳои ҳисобшуда ва дигар пардохтҳои вобаста ба қарзи гирифташударо ба таври дилхоҳ (безакцептное списание) гирифта, пардохт намояд.

**Қарзгиранда ӯҳдадор аст:**

3.7. Қарзро мақсаднок, ки муқобили қонунгузории ҶТ ва Қарздиҳанда намебошанд, истифода намояд.

3.8. Қарз ва фоизҳои маблағи қарзро дар мӯҳлат ва тартиби муқарраршудаи Қарздиҳанда саривакт пардохт намояд

3.9. Дар давоми амали шартномаи умумии қарзӣ ба Қарздиҳанда ҳама гуна маълумоти дархостшавандаро пешниҳод намояд.

3.10. Дар давоми амали шартномаи умумии қарзӣ ба Қарздиҳанда ва ашхоси ваколатдори ӯ барои анҷом додани санҷишҳои пешбинигашта мусоидат намояд ва инчунин ворид гаштани кормандони Қарздиҳандаро ба макони хизматӣ, истеҳсолӣ, анборҳо (агар онҳо мавҷуд бошанд) ва дигар иншоот барои гузаронидани чунин санҷишҳо таъмин намояд.

3.11. Қарздиҳандаро ба таври хаттӣ бо мақсади пардохти пеш аз мӯҳлати қарз ва фоизҳои ҳисобшуда хабардор намояд.

3.12. Тамоми хароҷоти Қарздиҳандаро, аз ҷумла андозу боҷҳои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои марбут барои таъмини қарзи гирифташаванда ва таҳвили амволи ба гарав мондашуда ба сохибмулкии Қарздиҳанда ё фурӯши онро, пардохт намояд.

3.13. Дар ҳолати ҷой доштани гарав, ҳангоми паст шудани арзиши амволи гарав дар раванди истифодаи қарз, таъминоти иловагиро баробар ба ҳаҷми камшуда ба гарав монад.

3.14. Қарзгиранда тасдиқ менамояд, ки ба меъёрҳои қарздиҳии (стандартҳои этикӣ), ки Қарздиҳанда барои мизоҷони худ муқаррар намудааст (Замимаи №3-и Пешниходи мазкур), мувофиқат мекунад ва ӯҳдадор аст маблагҳои пулии аз рӯи шартномаи умумии қарзӣ гирифташударо барои фаъолияте, ки ба стандартҳои дар боло зикршуда мувофиқ намекунад ва ба дигар фаъолияти бо қонунгузории ҶТ манъшуда, истифода набарад.

Қарзгиранда бе розигии пешакии хаттии Қарздиҳанда ҳуқуқ надорад, ки:

3.15. Дар давоми амали шартномаи умумии қарзӣ чун зомин (кафолатдиҳанда) баромад кунад ё ҳама гуна кӯмаки дигари молиявӣ расонад.

3.16. Дар давоми амали шартномаи умумии қарзӣ барои аз тарафи Қарзгиранда гирифтани қарзҳои нав аз ягон муассисаҳои молиявию қарзӣ ё ташкилотҳои дигар аҳдҳо бандад.

3.17. Дар давоми амали шартномаи умумии қарзӣ ягон гуна тағйиротҳои хислати ҳуқуқӣ ё иқтисодӣ доштаеро анҷом диҳад, ки онҳо ба вазъи молиявӣ ва иқтисодии Қарзгиранда вобаста буда, метавонанд ба имконияти Қарзгиранда дар бобати баргардонидани қарзи гирифташуда таъсири манфӣ эҷод намоянд.

## 4. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

4.1. Қарзгиранда дар назди Қарздиҳанда барои пардохтҳои сари вақти марбут ба баргардонии қарз ва фоизҳо аз рӯи шартномаи умумии қарзӣ масъулияти пурра дорад, аз он ҷумла бо ҳамаи амволаш ҷавобгар аст.

4.2. Гузаштани мӯҳлат аз оғози рӯзи дигари тақвимӣ баъди аз ҷониби Қарзгиранда мувофиқи нақшаи мукарраршуда, пардохт накардани қарз, фоизҳо ва дигар ӯҳдадориҳои он, ҳисобида мешавад. Ҳангоми ба таъхир мондани пардохт аз рӯзи баргардондани қарз бо фоизҳои ҳисобшуда, Қарзгиранда ба Қарздиҳанда ноустоворона (ҷарима, пеня) пардохт менамояд.

Агар пардохти қарз дар Нақшаи пардохт ба рӯзҳои ғайрикории ид ё рӯзҳои истироҳат ояд, Қарзгиранда ин пардохтро бояд на дертар аз якум рӯзи кории пас аз рӯзҳои ғайрикории ид ё истироҳат меомада, амалӣ кунад. Дар ин маврид ноустоворона (ҷарима, пеня) ҳисобӣ карда намешавад.

4.3. Тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои ғайриқаноатбахши ӯҳдадориҳояшон аз рӯи Пешниходи мазкур ва шартномаи умумии қарзӣ аз ҷавобгарӣ замоне озод карда мешаванд, ки агар ин иҷро накардан ё иҷрои ғайриқаноатбахш бинобар ҳолати қувваи рафънопазире ба вуқӯъ пайваста бошад, ки баъди бастани шартномаи умумии қарзӣ ба сабаби ҳодисаҳои хислати фавқулодда дошта, ки тарафҳо онро қаблан пешбинӣ ва пешгирӣ карда наметавонистанд, рух дода бошад (форс-мажор).

4.4. Ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои дар б. 4.3. Пешниходи мазкур зикршуда, тарафе, ки ӯҳдадориҳои он бо ин сабаб иҷро шуда наметавонанд, ӯҳдадор аст, ки дар мӯҳлати 5 рӯз тарафи дигарро дар ин бора огоҳ намуда, ҳуҷҷати расмии тасдиқкунандаи қувваи рафънопазирро замима кунад.

4.5. Тарафе, ки тарафи дигарро дар бораи ба миён омадани ҳолатҳои қувваи рафънопазир сари вақт огоҳ накардааст, ба тарафи дигар тамоми зиёни ба ин муносибат расонидашударо ҷуброн менамояд.

4.6. Ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои дар б. 4.3. пешбинишуда, мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳои аз Пешниходи мазкур мазкур бароянда ба мӯҳлати баробар бо вақти ҷой доштани ин ҳолатҳо ва оқибатҳои онҳо тамдид карда мешавад.

4.7. Ҳангоми қатъ шудани фаъолияти яке аз тарафҳо, аз ҷумла вафоти Қарзгиранда, ё тагйир ёфтани мақоми ҳуқуқии он, иҷрои тамоми ӯҳдадориҳо аз рӯи шартномаи умумии қарзӣ ба ворисони ҳуқуқии (меросгирандагони) тарафи барҳамхӯрда (вафотшуда, тагйирёфта) таҳвил мегардад, ё Қарзгиранда ӯҳдадор мешавад, ки (ба ғайр аз вафоти Қарзгиранда) боқимондаи қарз ва фоизҳои ба рӯзи баргардонӣ ҳисобшударо, новобаста аз мӯҳлати бо шартномаи умумии карзи муқарраршудаи баргардонии қарз, пеш аз мӯҳлат пардохт намояд.

## 5. МӮҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

5.1. Пешниходи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расонидани шартномаи умумии қарзӣ аз ҷониби Тарафҳо эътибор пайдо карда, то лаҳзаи аз тарафи Қарзгиранда иҷро шудани ӯҳдадориҳояш аз рӯи шартномаи умумии қарзӣ, амал менамояд.

5.2. Пешниходи мазкур бо асосҳои зерин матавонад қатъ карда шавад:

- аз рӯи созишномаи тарафҳо;

- бо ташаббуси Қарздиҳанда;

- ҳангоми гузаштани мӯҳлати баргардонии қарз (қисмати дахлдори он) ба зиёда аз 7 рӯзи тақвимӣ, Қарздиҳанда ҳуқуқ дорад, ки дар бораи қатъи яктарафаи шартномаи умумии қарзӣ изҳор намояд ва бозгашти пеш аз мӯҳлати маблағи қарзро дар ҳаҷми пурра якчоя бо фоизу ноустуворона (пеня, ҷарима) ва ҷаримаи аҳдшикани талаб намояд. Дар ин мавриди қатъёбии шартномаи умумии қарзӣ, маблағи зикршуда аз тарафи Қарзгиранда бояд дар давоми на дертар аз 3 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи қатъи шартномаи умумии қарзӣ ба Қарздиҳанда пардохта шавад. Ҳангоми гузаронидани мӯҳлати пардохт, Қарзгиранда ба Қарздиҳанда, барои ҳар як рӯзи гузаштани мӯҳлат ноустуворона (пеня, ҷарима) дар асоси шартномаи умумии қарзӣ месупорад;

- ҳангоми аз даст рафтан ё зарар дидани предмети гарав аз рӯи Шартномаи гарави ба мақсади таъминоти иҷрои ӯҳдадориҳои Қарзгиранда кабулшуда;

- бо дигар асосҳои бо Пешниходи мазкур ва қонунгузории ҶТ пешбинишуда.

## 6. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

6.1. Тамоми баҳсҳо ва ихтилофи назаре, ки дар ҷараёни иҷрои аҳкоми шартномаи умумии қарзӣ ва Пешниходи мазкур ба миён меоянд, бо роҳи музокирот ҳаллу фасл карда мешаванд.

6.2. Дар сурати ғайриимкон будани ҳаллу фасл бо роҳи музокирот, баҳсҳо бо тартиби судӣ тибқи қонунгузории ҶТ ҳал карда мешаванд.

## 7. ШАРТҲОИ ДИГАР

7.1. Пардохтҳо аз рӯи қарз, фоизҳо ва ҷаримаҳо бояд ба хазинаи Қарздиҳанда тибқи речаи кории хазина дар рӯзҳои корӣ, мувофиқи мӯҳлатҳои дар накшаи пардохт зикршуда, супорида шаванд. Қарзгиранда метавонад тавассути истифодабарии Терминалҳои интиқоли маблағ пардохтро амалӣ намояд ва истифодабарии ТИМ розигии Қарзгирандаро бо шартҳои дар экрани ТИМ зикршуда, ифода менамояд.

7.2. Қарзгиранда ба Қарздиҳанда барои таҳвили иттилоот аз рӯи шартномаи умумии қарзӣ ва Пешниходи мазкур ва созишномаҳои иловагии он ба ҳама гуна муассисаҳои молиявию қарзӣ розигӣ медиҳад ва эрод надорад.

Қарзгиранда мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи таърихи қарз» оид ба пешниҳод гардидани иттилоот дар бораи ӯ ба Бюроҳои таърихи қарзӣ, огоҳ карда шуда, ҷиҳати гирифтани маълумот дар бораи ӯ аз Бюроҳои таърихи қарзӣ, розигӣ медиҳад.

7.3. Қарзгиранда тасдиқ мекунад ва кафолат медиҳад, ки ӯ барқасдона:

а) ба ягон гуна ашхос ва ё ташкилоте, ки ба ягон гуна намуди фаъолияти террористӣ, ё ягон гуна алоқамандӣ ба ин фаъолият таалуқ дорад, ягон гуна намуди дастгирӣ/захираҳоро пешниҳод накардааст ва намекунад;

б) бо ашхос ва ё ташкилотҳои зикршуда, ягон гуна алоқамандӣ надорад ва нахоҳад дошт;

в) ба ягон гуна намуди фаъолияти вобаста ба пинҳон ва ё рӯйпуш кардани сарчашмаҳои даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ё қонунигардонии (расмикунонии) ин гуна даромадҳо ҷалб нашудааст ва нахоҳад шуд;

г) санадҳои байналмилалӣ, меъёрҳои қонунгузории ҶТ, талаботҳои ФИНКА дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризмро қатъиян риоя мекунад.

7.4. Тағйиру иловаҳо ба Пешниҳоди мазкур бо мувофиқаи Тарафҳо дар шакли электронӣ анҷом дода шуда, қисми ҷудонашавандаи он эътироф мешаванд.

7.5. Пешниходи мазкур баъди аз ҷониби тарафҳо ба пуррагӣ иҷро шудани ӯҳдадориҳои мутақобила, иҷрошуда маҳсуб мешавад.

7.6. ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» мизоҷони худро қадр медонад ва кушиши муносибати софдилона, бовиҷдонона ва масъулиятнок дорад. Мизоҷон ҳуқуқ доранд ва мо аз онҳо хоҳиш дорем, ки оиди хама гуна шикоятҳо ва пешниҳодҳо бо роҳи зерин хабар расонанд: 1) Сабти шикоятҳо дар «Дафтари пешниҳодҳо ва шикоятҳои мизоҷон», ки дар хазина ҷойгир аст; 2) Фиристодани мактуби шикояти ба почтаи электронии: Hotline@finca.tj ё 3) Ба «телефони боварӣ»-и +992 44 600 23 23 занг задан.

**Замимаи № 1**
**ба Пешниҳоди омавии қарзӣ № 100/21 аз 24.12.2021**

## Стандартҳои этики барои Қарзгирандагони (Мизоҷони) ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» - Рӯйхати Истисно

ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» ба шахсоне, ки ба фаъолияти зерин ҷалб мебошанд, қарз ва дигар хизматрасониҳои молиявиро ирсол наменамояд:

а) Истеҳсоли маҳсулот ё савдои он, ё фаъолияте, ки мувофиқи қонунҳо ва меъёрҳои ҶТ, конвенсияҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ ғайриқонунӣ аст, ё таҳти мурофиаи байналмилалии боздошти истеҳсол ё манъи он қарор дорад, мисол маҳсулоти фармасевтии ғайриқонунӣ, пестисидҳо/гербисидҳо, моддаҳое, ки қабати озониро вайрон менамоянд, ПХБ, ҳайвоноти ваҳшӣ ё маҳсулоте, ки таҳти танзими Кумитаи савдои байналмилалии намудҳои, ки эҳтимолияти нобудшавӣ доранд, қарор доранд (СИТЕС) [1].

a) Истеҳсол ва савдои яроқ ва аслиҳаи ҳарбӣ, ҳамчун фаъолияти асосии тиҷоратӣ [2].
b) Истеҳсоли нушокиҳои алкоголӣ ва савдои он (ғайр аз пиво ва май), ҳамчун фаъолияти асосии тиҷоратӣ [2].
c) Истеҳсоли тамоку ва савдои он, ҳамчун фаъолияти асосии тиҷоратӣ [2].
d) Бозиҳои боҷидду ҷаҳд, казино ва дигар фаъолияти монанд, ҳамчун фаъолияти асосии тиҷоратӣ [2].
e) Ҳар фаъолияте, ки бо порнография ва фоҳишагӣ алоқаманд аст
f) Савдои трансснарҳадии партовҳо ва маҳсулоти зараровар, ғайр аз он маҳсулот, ки ба меъёрҳои Конвенсияи Базел мувофиқ мебошанд.
g) Истеҳсол, савдо, захиракунӣ ва боркашонии ҳаҷми калони моддаҳои хавфноки химиявӣ ё андозаи тиҷоратии истифодабарии моддаҳои хавфноки химиявӣ. Моддаҳои хавфноки химиявӣ, бензин, керосин ва дигар маҳсулоти нафтӣ мебошанд.
h) Таҳвили нафт ва дигар моддаҳои хавфнок бо танкерҳое, ки ба талаботи Ташкилоти Байналмилалии Баҳрӣ [3].
i) Истеҳсоли маҳсулоти радиоактивӣ ва савдои он. Ин талабот нисбати хариди таҷҳизоти тиббӣ, таҷҳизоти санҷишӣ (ченкунии) сифат ва дигар таҷҳизоте, ки сарчашмаи радиоактивии он кам ва/ё ҳифзи кофӣ дорад, татбиқ намешавад.
j) Истеҳсоли торҳои асбестии бастанашуда ва савдои он. Ин талабот нисбати хариду истифодабарии болопуши сементи иборат аз асбести басташуда, бо таркиби асбест камтар аз 20 % аст.
k) Истифодаи турҳои дрифтери дар баҳр, ки дарозии он аз 2,5 км зиёд аст.
l) Истеҳсол ва фаъолияте, ки намудҳои зараровар ва истисморгари меҳнати маҷбурӣ [4]/меҳнати зараровари кудакона [5], таҷрибаи дискриминатсионӣ ё таҷрибае, ки татбиқи ҳуқуқҳои қонунии кормандонро ҷиҳати ҷамъомад ва мулоқотҳои коллективӣ, маҳдуд месозад, иборат мебошад.

1. Ахбороти муфассал дар сӯроғаи: http://www.cites.org
2. Нисбати шахсоне, ки ба ин фаъолият қатъиян ҷалб нашудаанд, татбиқ намешавад. «Қатъиян ҷалб нашудаанд» маъное дорад, ки фаъолияти мазкур нисбат ба фаъолияти асосии ин шахс иловагӣ мебошад.
3. Ахбороти муфассал дар сӯроғаи: http://www.imo.org
4. Меҳнати маҷбурӣ маъное дорад, ки ҳамаи меҳнат ё хизматрасонии шахс ғайриихтиёрӣ, маҷбуран таҳти таҳдиди истифодаи қувва ё ҷазо амалӣ мешавад.

m) Фаъолияте, ки мувофиқи қонунгузории ҶТ, конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи захираҳои гуногунбиологӣ ё мероси фарҳанги манъ шудааст [6].
n) Тағйиркунии ҷиддӣ [7] ё бадкунии Макони зисти Қатъи [8].

o) Кучонидани Аҳолии Аслӣ [9] аз заминҳои анъанавӣ ва одатии онҳо. Истеҳсол ё фаъолияте, ки ба заминҳои дар соҳибии ё мувофиқи қарори суд ба Аҳолии Аслӣ таалуқбуда, таҷовуз меорад, бидуни розигии пурраи ҳуҷҷатгузоришудаи чунин аҳолӣ.

5. Меҳнати зараровари кудакона маъное дорад, ки ҷалби кудакон барои меҳнат истисморгарии иқтисодӣ аст ё ба маорифи кудак зарар ё маҳдуд меорад, ё ба саломатӣ, рушди ҷисмонӣ, ақли, руҳӣ, маънавӣ, иҷтимоии у зараровар аст.
6. Ахбороти муфассал дар сӯроғаи: http://www.cites.org
7. Тағйиркунии ҷидди ё бадкуни маъное дорад, ки (1) бартараф кардан ё қатъиян пастшавии яклухтии макони зист бо сабаби тағйиршавии ҷиддӣ, дарозмуддат дар истифодабарии замин ё об; ё (2) тағйиршавии макони зист, ки имконияти макони зистро ҷиҳати таъмини зиндагии анъанавии аҳолии аслиро қатъиян кам менамояд.
8. Макони зисти Қатъи ин ҷои зисти табии ва ё тағйиршуда мебошад, ки таҳти аҳамияти муҳим қарор дорад. Макони зисти Қатъи, иборат аз ҷойҳои дорои қимматиҳои бузурги гуногунбиологии ба меъёрҳои классификатсияи Иттиҳоди Байналмилалии Ҳифзи Табиат ҷавобгӣ, инчунин ҷои зисти барои зиндагонӣ зарур, ки таҳти эҳтимолияти ҷиддии нобудшавӣ, ё таҳти эҳтимолияти аз байнравии намудҳои мувофиқи Рӯйхати Сурхи Намудҳои Таҳти Эҳтимолияти Нобудшави қарордошта, ё мувофиқи қонунгузории ЧТ; ҷойҳои барои намудҳои эндемикӣ ё намудҳои бо муҳити маҳдуди паҳншави аҳамияти муҳим дошта; ҷойҳои барои зиндагии намудҳои муҳоҷири аҳамияти ҷидди дошта; ҷойҳое, ки барои сайёра мутамарказонидани муҳимро нигоҳ дошта метавонад ё воҳиди намояндагони алоҳидаи намудҳои тудавӣ; ҷойҳои беназири ҷамъшавии намудҳо ё ҷойҳое, ки бо ҷараёни таҳавулоти муҳим ё ҷойҳое, ки хизматҳои муҳими экосистемавӣ мебошанд; ва ҷойҳои бо гуногунбиологӣ, ки дорои аҳамияти муҳими иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барои ҷамъияти маҳалӣ.
9. Мафҳуми «Аҳолии Аслӣ» маънои умумӣ дорад барои истинод ба гуруҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки дорои чунин хислатҳои дараҷаи гуногун мебошад: худмуайянкуни ҳамчун аъзоёни гуруҳҳои фарҳангии алоҳидаи аҳолии аслӣ ва эътирофи он аз тарафи дигарон; алоқамандии коллективӣ бо маънои географии алоҳида нисбати ҷойҳои зист ё ҳудудҳои меросӣ дар ҷойҳои таҳқиқотӣ ва захираҳои табии дар ин ҷойҳо ва ҳудудҳо; муассисаҳои анъанавии фарҳангӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ё сиёсие, ки аз муассисаҳои доминантии ҷамъияти ё фарҳангӣ ҷудошуда; забони аҳолии аслӣ, ки аз забони расмии давлат ё минтақа фарқ дорад.